Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи “Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба шартномаҳои консессионӣ таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир гардида, бо таҳқиқи нуқтаи назари олимони гуногун, метавон ба хулосае омад, ки шакли расмии илман эътирофшудаи ҳамкории консессионӣ ҳамчун василаи босамари сармоягузории хусусӣ дар бахшҳои озоди давлатию сармоягузорӣ мебошад.

Моҳияти мусбии шарикии консессионӣ дар он зоҳир мегардад, ки давлат ҳангоми истифода аз ин модел, сараввал аз сарбории хароҷоти нигоҳдории моликият озод шуда, дар як вақт самаранокии истифодаи онро афзун мегардонад, дуюм, даромади буҷетро аз ҳисоби пардохтҳои консессионӣ ғанӣ месозад ва сеюм, ҷиҳати ҳалли бомуваффақи мушкилоти ҷории иҷтимоию иқтисодӣ дастрасӣ пайдо менамояд. Дар иртибот, ба бартарии муҳими дигари шартномаҳои консессионӣ дар он қайд шудааст, ки давлат ҳангоми пешниҳоди объектҳо барои истифодаи консессионӣ танҳо ба таври муваққатӣ ҳуқуқҳои худро гузашт карда, ба таври назаррас сарбории дахлдори буҷетро кам менамояд.

Дар мукадиммаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи воқеии таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи он бо барномаҳои илмӣ муайян, мақсаду вазифаҳо мушаххас, объект, мавзуъ ва давраи таҳқиқот тавсиф шуданд. Инчунин, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот дақиқ ва навгониҳои илмии таҳқиқот шарҳ дода шуда, нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии онҳо тавсиф гардидаанд.

Дар доираи мундариҷаи тасдиқшуда заминаҳои объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, имконияту шароитҳои нави истифодаи моликияти давлатӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ, амалинамоии намудҳои гуногуни ҳамкориҳо дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, ташаккули асосҳои боварибахши ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар шакли консессия, дарки муҳимияти рушди онҳо дар Тоҷикистон, иқтидори мавҷудаи захираҳои табиӣ ва зарурати ҷалби васеи сармояи хориҷӣ дар коркарди минбаъдаи онҳо ва ғайра ҳамчун омилҳои объективии рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ дар кишвари мо муаррифӣ шудаанд.

Асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зербоби дуюми боби якум таҳқиқ шуда, бо тақсимбандии асосҳои танзими ҳуқуқи муносибатҳои консессионӣ ба гурӯҳҳои умумӣ ва

махсус зикр шудааст, ки ҳанӯз дар давраи аввали Истиқлли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рағбати ҷамъиятию сиёсӣ вобаста ба масъалаҳои консессия пайдо мегардад. Таваҷҷуҳ ба чунин шакли ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ боиси қабули маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи консессия дар Тоҷикистон гардид. Дар зербоби мазкур маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои андоз, танзими гумрукӣ, маблағгузории гранти давлатӣ ва ғайраҳо таҳлил ва бахри такмили қонунгузорӣ таклифҳо пешниҳод шудаанд.

Дар кори мазкур асосноккунии назариявии табиати ҳуқуқии шартомаи консессионӣ анҷом ёфта, зикр гардидааст, ки дар илм мафҳуми консессия ҳамчун низоми муносибатҳо вобаста ба гузашт кардани давлат аз ҳуқуқҳои худ, шакли тиҷоратии истифодаи моликияти давлатӣ ва ғайраҳо тафсир шудааст. Таҳқиқот нишон додааст, ки консессия дар баъзе кишварҳо ҳамчун шартномаҳои хусусияти оммавӣ-ҳуқуқидошта, дар дигар давлатҳо ҳамчун шартномаҳои оддии маданӣ-ҳуқуқӣ ё шартномаҳои бо он алоқаманд ифода меёбад. Дар як вакт ақидаи олимони соҳа дар мавриди табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ таҳқиқу баҳогузорӣ шуда, дар мавзуи мазкур вобаста ба шароити Тоҷикистон таклифи мушаххас манзур гардидааст.

Мубрамияти хусусияти таркиби субъективии шартномаи консессионӣ дар он ифода гардидааст, ки яке аз тарафҳои шартномаи консессионӣ давлат дар симои мақомоти дахлдори худ мебошад. Бо таҳлили мавқеи олимони соҳа ва талаботи қонунгузории ҷорӣ тасдиқ шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда, аз ҷумла дар муносибат ба шартномаҳои консессионӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бо иштирокдорони дигари ин муносибатҳо дар асосҳои баробар иштирок менамояд. Дар як вақт муаллиф ҷиҳати такмили қонунгузории ҷорӣ дар мавриди мафҳуми консесдент ва консессиядор пешниҳод манзур кардааст.

Дар доираи диссертатсияи мазкур масъалаҳои муқосиавӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии бастани шартномаҳои консессионӣ, ба консессия супоридани объектҳо дар асоси гуфтушуниди мустақими байни мақомоти консессионӣ ва сармоягузорони эҳтимолӣ, марҳилаҳои пешакии бастани шартномаи консессионӣ, тайёр намудани пешниҳодҳои консессионӣ, интихоби консессиядор, гузаронидани озмун ва дигар масъалаҳои аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ таҳқиқ гардидаанд. Аз ҷониби диссертант вобаста ба такмили масъалаҳои шартномаҳои намунавии консессионӣ, муҳлати бастани шартномаи консессионӣ, тартиби гуфтушунидҳои баъдиозмунӣ, мушаххас кардани лаҳзаи эътибор пайдо намудани шартномаи консессионӣ таклифҳои асоснок пешниҳод шудаанд.

Ҳамзамон, таносуби илмию ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ бо шартномаҳои ба ҳам алоқаманд, махсусан шартномаҳои иҷора, консессияи тиҷоратӣ, паймонкорӣ ва созишнома дар бораи тақсимоти маҳсулот анҷом ёфтааст.

Бо дарназардошти мавқеи олимони соҳа ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба таркиби субъективӣ, мавзуи шартнома, усули бастани шартнома, хусусияти ҳуқуқи шахсони

сеюм ба объекти консессия, имконияти гузариши молу мулки дахлдор ба тарафи дигар, ҳуқуқи молумулкии тарафи шартнома ба иншооти дар давоми амалигардонии шартнома сохташуда таҳлил гардида, зикр шудааст, ки новобаста ба баъзе монандиҳо, шартномаҳои консессиониро набояд ҳамчун намуди шартномаи иҷора баррасӣ намуд. Айнан, бо овардани асосҳои зарурии фарққунанда бо дигар шартномаҳои зикршуда муаллиф пешниҳод дорад, ки шартномаҳои консессионӣ навъи мустақили шартномавӣ мебошанд ва якчанд хусусиятҳои умумии шартномаи консессионӣ бо созишнома дар бораи тақсимоти маҳсулот нишон дода шудааст.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳо дар доираи шартномаи консессионӣ бахшида шуда, зикр гардидааст, ки вазъи муносибатҳои ҳуқуқии консессионӣ тамоюли босурати наздикшавӣ ба қонунгузории маданиро дошта, мутаносибан шумораи зиёди меъёрҳои диспозитивӣ ба конседент ва консессиядор имкон медиҳанд, ки шартҳои муҳими татбиқи шартномаро озодона байни худ муайян намоянд. Ин мавқеъ бо дарназардошти табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ ва қабули Кодекси маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Бо дарназардошти он ки ба имзорасонӣ ва татбиқи шартномаҳои консессионӣ, махсусан ба ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ дар соҳаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи фаъолияти давлатӣ ва идоракунии самараноки молу мулки давлатӣ нигаронида шудааст, зарур шуморида шудааст, ки нисбат ба консессиядор, аз ҷумла консессиядори ватанӣ бояд номгӯи кафолатҳои дар қонунгузории сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда тавсеа гарданд.

Маҷмуи масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарии тарафҳои шартномаи консессионӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо, махсусан иҷрои шартҳои шартномаи консессионӣ, инчунин ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ин шартҳо дар зербоби сеюми боби сеюм мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар кори илмии мазкур меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ба таври матлуб иҷро гаридани уҳдадориҳо, тартиб, талабот ва шартҳои иҷрои уҳдадориҳо дар амалияи бастани шартномаҳои консессионӣ таҳқиқ шудаанд. Тарафҳои шартномаи консессионӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо буда, дар сурати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои худ дорои масъулият мебошанд.

Дар қисмати хулосавии рисолаи диссертатсионӣ маҷмуи масъалаҳои таҳқиқшуда ҷамъбаст гардида, баҳри такмили қонунгузории соҳа ва таҷрибаи амалии бастани шартномаҳои консессионӣ дар Тоҷикистон таклифҳо манзур гардидаанд.

Таҳлили анҷомёфтаи автореферати дисертатсияи мазкур ба хулосае меорад, ки мавзуъ ва мундариҷаи он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттесттатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҳамзамон

дигар талаботҳо, аз қабили навгонӣ, риояи одоби илмӣ ва ғайра мутобиқ мебошад.

Дар баробари ин, таклифҳои дисертант, ки дар бандҳои 5 ва 6 тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот такмилталаб мебошанд. Худи таҳияи номгӯйи объектҳо дар соҳаи мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии давлат, инчунин меъёрҳои дақиқ, ки тавассути он метавон ҳолати ба вуҷудомадаро ҳамчун таъсиркунанда ба амнияти давлат ё қобилияти мудофиавии он баҳогузорӣ кунад, инчунин таҳияи шартномаҳои намунавии консессионии дорои хусусияти тавсиявӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт омӯзиши иловагиро талаб менамоянд. Диссертант бояд ба инобат гирад, ки дар сурати бо қарори Ҳукумати кишвар тасдиқ шудани масъалаҳои болозикр ҳолатҳои саривақт ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо раванди мураккабро доро буда, ба рушди муносибатҳои консессионӣ метавонад таъсирасон бошад.

Таклифи мазкур барои идомаи минбаъдаи таҳқиқоти зикршуда пешниҳод гардида, ба ҳеҷ ваҷх сатҳи илмии рисолаи анҷомёфтаро коста намегардонад.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Абдуллозода А.Р. дар мавзуи “Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад ва унвонҷӯ барои дастрасӣ ба дараҷаи илмии зикршуда сазовор мебошад.

Тақризнавис,
директори Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Саидзода И.Ҳ.

Имзои “Саидзода И.Ҳ.”-ро тасдиқ мекунам,
сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази
миллии қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Шукурова Г.

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ КАДРҲО

29. 08. 24

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе,
кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
Телефон: (992 37) 227-47-71
Факс: (992 37) 227-63-64
Почтаи эле.: info@mmk.tj
Сомона: www.mmk.tj